# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-51 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ рӯйи ихтисоси 1.5.21. Зоология**

Комиссияи ташхисии шурои диссертатсионии 6D.КОА-51назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати зерин: раис, доктори илмҳои биологӣ Каримзода А.И. ва аъзоёни комиссия – номзади илмҳои биологӣ Имонов М.Ш. ва номзади илмҳои биологӣ Саидов Н.Ш. бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-51 мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267, бо назардошти тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) ташкил карда шуд.

Комиссия дар асоси шинос шудан бо рисолаи номзадии Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» аз рӯйи ихтисоси 1.5.21. Зоология ва муҳокимаи он чунин хулоса қабул намуд.

Рисолаи диссертатсионии номзадии Давлатзода О.М. актуалӣ мебошад ва дар он бори аввал таркиби намудии зараррасонҳо, хусусиятҳои биоэкологӣ, тарзи осебрасонӣ, таркиби намудии энтомоакарифагҳо ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. То ҳол оид ба ин мавзуъ таҳқиқоти илмӣ ба пуррагӣ гузаронида нашудааст. Мавзуъ ва рисолаи номзадии Давлатзода О.М. ба ихтисоси 1.5.21. Зоология мувофиқ буда, аз рӯйи он ба шуро қабул шудааст. Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 1.5.21. Зоология ва самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ мувофиқат мекунад.

банди 1: Таснифот (систематика). Тавсиф ва нишон додани организмҳо, таснифоти онҳо аз рӯйи воҳидҳои гуногуни таснифотӣ (таксонҳо), сохтори фенетикӣ, генетикӣ, морфометрии воҳидҳои таснифотӣ (таксонҳо); банди 2: Фауна (фаунистика). Таркиби намудӣ, сохтор ва динамикаи маҷмуи фаунавӣ (фаунистика) аз лиҳози назариявӣ - типологӣ, манзаравӣ - ҷуғрофӣ; банди 4: Морфология. Шакл ва сохти зоҳирии ҳайвонот дар инкишофи фардӣ (онтогенез) ва таърихӣ (филлогенез); банди 5: Экологияи фардҳо, популятсия ва ҷамоаҳо. Таъсири омилҳои гуногуни муҳит (табиӣ ва антропогенӣ), қонуниятҳои вокуниши ҳайвоноти гуногуни гурӯҳҳои систематикӣ ба ҷузъиёти биотикӣ ва абиотикӣ дар шароити биогеосенозҳо, ҷанбаҳои амалии экологӣ (муҳофизат ва истифодаи оқилонаи ҳайвонот).

Мавзуи диссертатсионии Давлатзода О.М. мубраму муҳим буда, ба омӯзиши «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» бахшида шудааст. Натиҷаҳои диссертатсия пурра бо мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунад.

Соҳаи боғдорӣ дар пешрафти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дошта, он имконоти бозори дохилӣ ва иқтидори содиротиро таъмин намуда, боиси ташкили ҷойҳои доимии кор барои сокинони мамлакатамон мегардад. Дар баробари дигар соҳаҳои кишоварзӣ анорпарварӣ низ яке аз самтҳои асосии соҳаи боғдории кишвар буда, аз ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии мамлакат мавқеи муайянро ишғол менамояд.

Бо назардошти хусусиятҳои истеъмолӣ ва содиротии анор Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи хоссаеро ба рушди соҳаи анорпарварӣ равона кардаанд.

Ҳашарот ва канаҳои зарарасони растаниҳои субтропикӣ, аз ҷумла буттаи анор дар Тоҷикистон пурра омӯхта нашудааст. Аз ин сабаб таркиби намудии зарарасонҳо, дар ноҳияҳои барои парвариши анор шароити мусоиддошта, омӯзиши амикро тақозо менамояд. Барои баланд бардоштани ҳосилнокии растаниҳои кишоварзӣ аз ҷумла анорбоғҳо дар баробари андешидани дигар чораҳо, ин сари вақт пешгири кардани анорбоғҳо аз ҳашароту канаҳои зарарасон маҳсуб меёбад.

Бо ин мақсад унвонҷӯ мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зарарасони яке растании флораи Тоҷикистон анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо»-ро интихоб намудааст, ки дар он масоили муҳими соҳаи зоология, омӯзиши таркиби намудии зарарасонҳо, хусусиятҳои биоэкологӣ, осебрасонӣ, паҳншавӣ, таркиби намудии энтомоакарифагҳо ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо мавриди муҳокима ва омӯзиш қарор гирифтааст.

**Мақсади таҳқиқот.** Омӯхтани ҳашарот ва канаҳои зарарасони анор, хусусиятҳои биоэкологӣ, осебрасонӣ ва паҳншавии онҳо, коркарди чораҳои мубориза бар зидди зарарасонҳои анор, инчунин муайян намудани намудҳои фоидаовар (энтомоакарифаг)-ҳо ба ҳисоб меравад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш) бори аввал таркиби намудии ҳашарот ва канаҳои зарарасони анор муайян карда шуда, хусусиятҳои биоэкологӣ, марҳилаи осебрасонӣ, махсусияти ғизогирӣ ва паҳншавии зарарасонҳои асосии анор муқаррар карда шуд.

Аз ҷониби унвонҷӯ фенология ва осебпазирии навъҳои анор аз оташаки анор – *Euzophora punicella* Morr., фенология ва зарарасонии ширинчаи анор – *Aphis punicae* Pass., зарарасонии кирмаки Комсток – *Pseudococcus comstocki* Kuw. сафедболаки тамоку ё пахта – *Bemisia tabaci* Genn. гамбусаки зарарнок – *Polyphylla adspersa* Motsch., тӯронӣ – *Epicometis turanica* Peitt. гарданкутоҳ – *Capnodis tenebricosa* Ol., канаи сурхи мевагӣ – *Panonychus ulmi* Koch., тортанакканаи муқаррарӣ –

*Tetranychus urticae* Koch., канаи анор – *Tenuipalpus punicae* Prit. Et. Bak., ҳамчунин, сафедболаки тамокӯ ё пахта – *Bemisia tabaci* Genn. паҳнкунандаи касалиҳои занбӯруғии анор ошкор карда шуд.

Нахустин маротиба таркиби намудии энтомоакарифагҳо ва накши баъзе аз намудҳои онҳо дар танзими шумораи ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор аниқ карда шуд. Рӯйхати таксономии онҳо тартиб дода шуда, ҳамзамон самаранокии усулҳои мубориза (биологӣ, кимиёвӣ, агротехникӣ ва механикӣ) бар зидди зараррасонҳои анор таҳия, коркард ва муайян карда шуданд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Маводи диссертатсия ба омӯзиши зараррасонҳои анор – *Punica granatum* L. бахшида шудааст. Бояд қайд намуд, ки дар ҳудуди Тоҷикистони Ҷанубӣ то ба имрӯз оид ба зараррасонҳои анор таҳқиқоти амиқ анҷом нашуда, маълумотҳо пурра нестанд. Муҳиммии кор дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал оид ба таркиби намудии зараррасонҳои анор ва энтомоакарифагҳои онҳо маълумотҳо ба даст оварда шудааст. Самаранокии инсектитсидҳо ва акаритсидҳои нав нишон дода шудааст. Ошкор намудани махсусияти ғизогирии зараррасонҳо барои коркарди дурнамои усулҳои мубориза тавсия карда мешаванд.

Дар натиҷаи омӯзиш, биология ва осебрасонии зараррасонҳои асосии анор (оташаки анор – *Euzophora punicella* Morr., ширинчаи анор – *Aphis punicae* Pass., тортанакканаи муқаррарӣ – *Tetranychus urticae* Koch. ва ғайра) ва роҳҳои муҳофизати анор аз ин зараррасонҳо пешниҳод карда шудааст, ки аз он анорпарварон метавонанд дар амал истифода баранд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои истифода дар раванди тадриси фанҳои энтомологияи умумӣ, энтомологияи кишоварзӣ, ҳимояи растаниҳо, таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ дар факултетҳои биологӣ ва кишоварзии Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавсия карда мешаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Диссертант шахсан дар таҳияи нақша ва барномаи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва коркарди мавод, гузаронидани таҳлили коркарди оморӣ ва интерпретатсияи натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот, иштирок намуда, таркиби намудии маҷмуи зараррасонҳои анорро муайян намудааст. Таҳлил ва ҷамъбасти маълумотҳои бадастовардашуда, навиштани мақолаҳо ва таҳияи рисолаи илмӣ аз ҷониби муҳаққиқ мустақилона иҷро шудааст.

Унвонҷӯ ҳангоми иҷрои рисола дар асоси таҳқиқотҳои гузаронида 30 – мақола, аз ҷумла 6 – мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 24 – фишурда ва мақола дар маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расонидааст. Нашри натиҷаҳои диссертатсия пурра ба талаботи пешниҳодгардида ҷавобгуй мебошад.

Натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Аз ҷониби унвонҷӯ бори аввал ҳашарот ва канаҳои зараррасонҳои анор дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки дар маҷмуъ онҳо ба 38 намуд 2 синф, 6 қатор, 17 оила ва 28 авлод мансуб мебошанд.

Унвонҷӯ дар диссертатсия оид ба таркиби намудӣ, хусусиятҳои биоэкологии баъзе намудҳо, махсусияти ғизогирӣ, тарзи осебрасонӣ, марҳила ва паҳншавии зараррасонҳо, инчунин оиди таркиби намудии намудҳои фоидаовар (энтомоакарифагҳо) ва усулҳои мубориза бар зидди зараррасонҳо маълумот пешниҳод кардааст. Унвонҷӯ муайян намудааст, ки аз ҳама бештар оташаки анор - *Euzophora punicella* Morr., ширинчаи анор – *Aphis punicae* Pass., мевахӯраки себ – *Cydia pomonella* L., кирмаки Комсток -*Pseudococcus comstocki* Kuw., гамбусаки гарданкӯтоҳ – *Capnodis tenebricosa* OL., гамбуски хартумчадори сермӯй – *Polydrosus pilifer* Hoch., сафедболаки тамоку ё пахта – *Bemisia tabaci* Gen. ва тортанакканаи муқаррарӣ – *Tetranychus urticae* Koch. ба анор осеб мерасонанд.

Зимни таҳқиқот 24 намуди энтомоакарифагҳои зараррасонҳои анор аз ҷониби унвонҷӯ муайян карда шудаанд. Унвонҷӯ Давлатзода О.М. дар сатҳи баланди илмӣ вазифаҳои дар пеш гузоштаи худро иҷро намуда, натиҷаҳои аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ асоснок ба даст овардааст. Натиҷаҳои бадастовардашудаи унвонҷӯ боэътимод буда, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд. Натиҷаҳои дар диссертатсия дарҷ гардида дар конференсияҳои сатҳи байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмӣ гузориш ва муҳокима карда шудаанд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббатро дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ рӯйи ихтисоси 1.5.21. Зоология таҳлил ва баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаи илмӣ.

**ҚАРОР КАРД**

1. Диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ рӯйи ихтисоси 1.5.21. Зоология, дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-51 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон, ба ихтисоси 1.5.21.Зоология мувофиқат дорад ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамоем.

- Мирзобаҳодур Шаҳноза Раҳмон – доктори илмҳои биологӣ профессор, мудири кафедраи зоология ва физиологияи одаму ҳайвоноти факултети биология ва химияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров;
- Қодирзода Фирдавс Тағойбек – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент муовини директори Институти ҳифзи растаниҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н. Павловскийи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷой намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардонидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ, профессори
кафедраи физиологияи одам ва ҳайвоноти
ба номи академик, Сафаров Ҳ.М. ДМТ Каримзода А.И.

Имзои д.и.б., Каримзода А.И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

**Суроға:** Индекс, 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992-37) 221-62-25; (+992-37) 227-15-10 Факс: (+992-37)227-15-10; E-mail: info@tnu.tj

"7" 08 соли 2026

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои биологӣ, дотсент
мудири кафедраи зоологияи факултети
биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Имонов М.Ш.

Имзои н.и.б., Имонов М.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ Қодирзода С.
"7" 08 соли 2026

номзади илмҳои биологӣ, ҳамоҳангсози лоиҳаи
«Муҳофизати интегратсионии растаниҳо аз
зараррасонҳои зироатҳои кишоварзӣ»-и
Созмони кишоварзӣ ва озуқаворим
Созмони Милали Муттаҳид (ФАО, СММ )
дар Тоҷикистон Саидов Н. Ш.

"7" 08 соли 2026